ТАҚРИЗИ

**мушовири илмии Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо ба рисолаи докторӣ дар мавзӯи “Таснифоти илм дар фалсафаи машшоиёни шарқӣ ва таъсири он дар таснифоти муосири илмҳо”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03-Таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст.**

Рисолаи доктории Ниёзӣ Ё. Б. ба таҳқиқи мавзӯи муҳими илми муосир, яъне таҳқиқи таснифоти илм бахшида шудааст. Ниёзӣ Ё.Б. ба ҳайси докторанти Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мавзӯи **“Таснифоти илм дар фалсафаи машшоиёни шарқӣ ва таъсири он дар таснифоти муосири илмҳо”** рисолаи доктории худро ба анҷом расонид. Муҳаққиқ дар муддати таҳияи рисолаи докторӣ дар таҳқиқ ва баррасии масоили марбут корҳои зиёди пажӯҳиширо, аз ҷумла ташхис ва омӯзиши адабиёти илмӣ, асосноккунии манбаҳои илмӣ-назариявии мавзӯи таҳқиқотӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди маводи таҳлилиро ба сомон расонид. Инчунин, Ниёзӣ Ё.Б. аз рӯи мавзӯи таҳқиқотӣ зиёда аз 25 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмӣ ва ду монографияро вобаста ба мавзӯи илмии хеш ба нашр расонид. Дар айни замон рисолаи доктории Ниёзӣ Ё.Б.-ро метавон пажӯҳиши анҷомёфта ҳисобид.

Дар ҷараёни тадқиқи мавзӯи мавриди назар Ниёзӣ Ё.Б. худро ҳамчун муҳаққиқи дақиқназар ва нуктасанҷ нишон дода, дар ҳамоишу чорабиниҳои илмӣ бо гузоришҳои пурмазмуни илмӣ иштироки фаъолона намуд. Ҳамзамон мавсуф андешаҳои худро вобаста ба таҳқиқи сарчашмаҳои илмӣ, осори мутафаккирони мактаби машшоияи шарқӣ асоснок намудааст. Бояд таъкид намуд, ки Ниёзӣ Ё.Б. зимни таҳқиқи мавзӯи илмӣ худро ҳамчун муҳаққиқи ташаббускор, дақиқназар ва масъулиятшинос нишон додааст. Таҳқиқи таснифоти илм дар илми муосири ватанӣ аҳамияти хос дошта, муҳаққиқ онро аз рӯи масоили зер, ки қисман аз вазифа ва ҳадафҳои тадқиқоти мазкур мебошанд, муҳим ва зарурӣ арзёбӣ мекунад:

- омӯзиши асосҳои методологию назариявии таснифоти илм дар таърихи фалсафаи муосир;
- баррасии таъсири назариявии таснифоти илми мактаби машшоиёни шарқӣ ба рушди таълимоти таснифи илмҳо дар таърихи фалсафа;
- таҳқиқи таснифоти илм, ки ба фаъолияти маърифатии инсон робита дошта, дар фаҳмиши олам ва дар асоси аслу равишҳои илмӣ ба низоми муайян даровардани илмҳо ёрӣ мерасонад:

- таъсири назариявии дидгоҳҳои файласуфони Юнони қадим ба таснифоти илмии мактаби машшоиёни шарқӣ, аз ҷумла Абунасри Форобӣ ва Ибни Сино ва таълимоти фалсафии Ихвон-ус-сафо;
- таҳқиқи сарчашмаҳои ташаккули таснифоти илм дар фалсафаи Эрони бостон ва фаҳмиши илмҳо дар ин марҳала таҳқиқ мегардад;
- таҳлили методологии таснифоти илм дар таълимоти Ибни Сино;
- таҳқиқи низом ва вазифаҳои илмҳои назарӣ ва амалӣ дар осори Абунасри Форобӣ ва Ибни Сино;
- муайян кардани таъсири назарии таснифоти илмии мактаби машшоиёни шарқӣ дар ташаккули баъдинаи фалсафаи асри миёнаи тоҷик;
- муносибати Муҳаммад Ғазолӣ ба назарияи таснифоти илм;
- таснифоти илм чун омили таҳрики дастовардҳои илмӣ дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик;
- муайян кардани таносуби таснифоти илм дар фалсафаи асрҳои миёнаи тоҷик ва таснифоти муосири илм мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки таҳқиқи таснифоти илм дар даврони асримиёнагии тоҷик яке аз масъалаҳои муҳим ва камомӯхташуда ба ҳисоб рафта, то имрӯз дар ин ҷода тадқиқоти муҳим ва алоҳида дар шакли монографӣ ё рисолаи докторӣ ба вуҷуд наомадааст. Ҳамзамон доир ба мавзӯъи мавриди тадқиқ, то ба имрӯз дар муҳити илми муосири тоҷик рисолаи илмии анҷомёфта бо чунин баррасии густурда ва амиқ ба назар намерасад. Аз ин нуқтаи назар, муайян намудани сарчашмаҳои таърихию назариявии таснифоти илм дар мактаби машшоиёни шарқӣ, баррасии асосҳои методологии назарияи таснифи илмҳо, омӯзиши сарчашмаҳои бостонии назариявии таснифи илмҳои мактаби машшоиёни шарқӣ, шинохти таснифи илмҳо дар Эрони бостон ва фалсафаи асримиёнагии тоҷик (мактаби машшоӣ), аз ҷумла, дар осори Абунасри Форобӣ, Ихвон-ус-сафо, Ибни Сино, таҳқиқу таҳлили таъсири назарияви таснифоти илми таълимоти машшоиёни шарқӣ дар ташаккули баъдинаи фалсафаи асримиёнагии тоҷик, ки аз масоили муҳими рисолаи мазкур маҳсуб мегардад, дар илми муосири тоҷик муҳим ва дорои аҳамияти махсус мебошад.

Муҳаққиқ бори аввал шинохти усулу равиш ва қонунмандию арзишгузории таснифоти илмро ҳамчун методология дар шинохти ашё, мавзӯъ ва тақсими мавзӯии дифференсатсия ва интегратсияи илм тадқиқ намуд, ки яке аз дастоварди муҳим дар таснифоти илмҳои фалсафаи асримиёнагӣ, аз ҷумла мактаби машшоияи шарқӣ мебошад. Зимни таҳқиқ муҳаққиқ ба чунин хулоса меояд, ки аз гузашта, то ба имрӯз ягона мубоҳисае, ки илмҳоро дар асоси усулу равишҳои илмӣ ба ҳам меорад, мушкилоти шинохт ва баррасии масъалаи ҳастӣ мебошад. Ба

ибораи дигар, мавзӯи ҳастӣ ва маърифати он тамоми илмҳоро дар асоси методи дедуксионӣ ба ҳам меорад (интегратсияи илмҳо) ва дар асоси методи индуксионӣ аз ҳам ҷудо (дифференситсияи илмҳо) мекунад.

Рисолаи мазкур дар тадқиқ ва ташхиси таснифоти илм дар асарҳои донишмандони асримиёнагии тоҷик ва таъсири он дар илми муосири тоҷик иқдоми муҳим ва аввалин буда, метавонад хулосаю натиҷаҳои он дар ҳалли масоили муҳимтарини фалсафаи муосири тоҷик мусоидат намояд. Бо инобати сатҳи баланди шинохт ва баррасии масоили мавриди назар ва мутобиқати он ба талабот ва муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаи доктории Ниёзӣ Ёрмаҳмади Бобо дар мавзӯи "Таснифоти илм дар фалсафаи машшоиёни шарқӣ ва таъсири он дар таснифоти муосири илмҳо" тадқиқоти анҷомёфта ҳисобида, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03- таърихи фалсафа сазовор мебошад.

**Доктор илмҳои фалсафа,**
**проффесор, узви вобастаи**
**Академияи миллии илмҳои**
**Тоҷикистон, Раиси кумитаи телевизион**
**ва радиои назди Ҳукумати Тоҷикистон** **Саид Нуриддин Саид**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, кӯчаи Шероз 31. E-mail: info@ttr.tj. Тел.: 227-59-79.

Имзои Раиси кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Тоҷикистон, Доктор илмҳои фалсафа, проффесор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тасдиқ менамоям.

**Сардори раёсати баҳисобгирии кадрҳо,**
**таъминоти ҳуқуқӣ ва коргузорӣ** **Шокирзода М.**

«_» ________2020